«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ҷ.Б. ____________
«____»______________2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи **Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна** дар мавзуи **«Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи илмӣ.** Диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра мутобиқат менамояд.

То имрӯз дар илми забоншиносии тоҷик оид ба самтҳои мухталифи калимасозӣ пажуҳишҳои гуногуне ба анҷом расонида шудааст, ки чунин ҷусторҳо ба ошкор кардани қабатҳои мухталифи калимасозӣ рабт дорад. Ҳамчунин, боз як қатор масъалаҳои муҳимми омӯхтанашудае мавҷуданд, ки ба онҳо аз ҷониби аҳли таҳқиқ камтар диққат дода шудааст. Масалан, ба муносибати калимасозии ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ба истиснои қайду ишораҳои алоҳидаи муҳаққиқон то ҳол таваҷҷуҳи амиқ сурат нагирифта буд. Аз ин рӯ, мо метавонем рисолаи диссертатсионии мазкурро дар забоншиносии тоҷик иқдоми муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ намоем.

Замони соҳибистиқлолии кишвар барои таҷдиди арзишҳои миллӣ ва махсусан, инъикоси асолати бисёрсолаи забон имконоти бесобиқаеро фароҳам овард, ки дар заминаи он илми забоншиносии тоҷик ба дастовардҳои бемисли илмӣ ноил гардид. Дар диссертатсияи мавриди тақриз бахши калимасозӣ хеле хуб баррасӣ шудааст.

Муаллифи диссертатсия ба он андеша аст, ки муқаррар намудани замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ, муайян намудани мавқеи шахсии шоир дар ин росто барои мустаҳкам гардидани пояҳои забони тоҷикӣ метавонад саҳмгузор бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна, ки ба таҳқиқи замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ бахшида шудааст, пажуҳиши муфид ва арзишманде дар забоншиносии тоҷик маҳсуб мегардад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки перомуни вижагиҳои калимасозии Ҷалолиддини Балхӣ таҳқиқи алоҳидае дар шакли рисолаи илмӣ сурат нагирифтааст. Бодарназардошти ин мақсад, унвонҷӯ

кӯшиш намудааст, ки вижагиҳои маҳфузмондаи калимасозии вожагони ғазалиёти шоирро аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намояд ва ҳамзамон, дар омӯзиши андешаҳои донишмандони соҳа, омӯхтани вижагиҳои луғавию маъноии маводи фактологӣ ва таснифи онҳо, муқоисаи маъноии калимаҳо, дараҷаи корбурди аносири луғавии баррасишаванда дар ғазалиёти шоир ошкор созад. Асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, аз мухтавои баланди диссертатсия гувоҳӣ медиҳанд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия овада шудаанд.** Гузоришҳои илмие, ки дар диссертатсия оид ба воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ оварда шудаанд, ба таври мантиқӣ асоснок гардида, ба натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва тҳлилҳоии амалӣ такя мекунанд. Муаллиф бо истифода аз мисолҳои фаровони ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ва забони адабӣ дурустии хулосҳои худро исбот намудааст. Хулоса ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** ва дурустии натиҷаҳои гирифташудаи диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар он аст, ки ҳарчанд дар илми забоншиносии тоҷик ҷиҳатҳои гуногуни калимасозии ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ омӯхта шуда бошад ҳам, аммо нахустин маротиба дар забоншиносии тоҷик масъалаи таҳқиқи ғазалиёти ин чеҳраи намоёнтарини адабиёти садаи XIII ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносӣ замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ, хусусиятҳои боқимонии аносири луғавии ғазалиёти ӯ нишон дода шудааст. Бардоштҳои кори диссертатсиониро метавон барои таҳияю тадвини фарҳангномаҳои тафсирӣ, луғатномаҳои калимасозӣ ва такмили пажуҳишҳои илмии марбут ба робитаи забони асарҳои манзуму мансури тоҷикӣ корбаст намуд. Инчунин, барои пурра гардидани корҳои илмии ба хусусиятҳои забонии осори манзуму мансури Ҷалолиддини Балхӣ бахшидашуда ҳам кӯмак мерасонад. Рисолаи мавриди тақриз дар он ифода мегардад, ки маводди аз таҳқиқи масъалаи мазкур бадастомадаро метавон ҳангоми тадриси курс ва семинарҳои махсуси вобаста ба «Калимасозӣ», «Морфология» ва фанҳои интихобии доир ба мавзуъ корбаст намуд. Ҳамзамон, нуктаҳои муҳимми дар диссертатсия дарҷгардидаро метавон аснои таълифи китобҳои дарсию дастурҳои методии марбут ба калимасозӣ рӯи кор гирифт.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳкик**. Натиҷаҳо ва хулосаҳои кори диссертатсионии мавриди тақриз аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, пеш аз ҳама дар асоси таҳлилҳои амиқ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидани муаллифи рисола зоҳир мегардад. Илова бар ин, ҳаҷми мувофиқи маводди таҳқиқ ва коркарди натиҷаҳои пажуҳиш эътимоднокии кори диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо барномаҳои илмӣ иртиботи ногусастанӣ дошта, дар ҳар

фаслу зерфасл ва дигар бахшҳои он баррасиҳои илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба мушоҳида мерасанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**и мавзуъ дар он аст, ки маротибаи якум ба таври амиқ замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ дар шакли як диссертатсияи алоҳида анҷом дода шудааст. Таҳқиқ аз ҷониби довталаб мустақилона анҷом дода шуда, дар илми забоншиносии тоҷик пажуҳиши нав ба шумор меравад ва дорои мубрамияти хоси худ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба мавзуи мазкур 7 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия рӯи чоп омадаанд.

Пажуҳиши мазкур дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ба анҷом расида, муаллиф вазифаҳои дар пеш гузоштаашро, пурра иҷро намудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, 2 боб, фаслҳову зерфаслҳо, хулоса, феҳристи асарҳои таҳқиқӣ ва мақолоти интишорнамудаи муаллиф иборат буда, 174 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии кори илмӣ муайян карда шудаанд.

**Боби аввали** диссертатсия **«Калимасозӣ ва мавқеи он дар ташаккули гурӯҳҳои сохтории калимаҳо (дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ)»** унвон дошта, шомили 3 зерфасл мебошад. Диссертант дар фасли аввали боби якум – **«Роҷеъ ба мафҳуми калимасозӣ ва масъалаҳои марбут ба он"**, доир ба калимасозӣ ва таҳқиқотҳои дар ин самт таълифёфта ибрози андеша намудааст. Дар фаслҳои "**1.1.1. Калимасозӣ ҳамчун падидаи дохилии забон"** ва "**1.1.2. Нигоҳе ба роҳу усулҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ"** доир ба калимасозӣ ва роҳҳои он дар забони тоҷикӣ баҳсҳо ба миён овардааст. Дар зерфаслҳои минбаъда калимасозии морфологӣ, калимасозии пешвандиву пасвандӣ дар асоси ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ сурат гирифтааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Хусусиятҳои морфологии калимаҳои мураккаб ва заминаи ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ»** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли якум "**2.1. Калимаҳои мураккаб ва низоми сохтори морфологии онҳо"** ном дошта, дар доираи се зерфасл таҳқиқ шудааст. Дар ин зерфаслҳо вижагиҳои калимаҳои мураккабе ба монанди **обрӯй, ширбиринҷ хайрухуш, гуфтугӯ, занозан, кашокаш,**

**қабза-қабза, паст-паст; сарбаланд, чашмгурусна, мардикор, шаҳрисабз, шаҳринав, соҳибхона; дили сиёҳ – сиёҳдил, дили зинда – зиндадил, бахти сиёҳ – сиёҳбахт, рухи (чун) лола – лоларух, дили чун санг – сангдил; гулдаста, санҷишкор, хушрафтор, ширингуфтор, баландпоя, чилучорчашма, саропарда** баррасӣ гардидаанд.

Зерфасли дуюми боби дуюм "**Калимаҳои мураккаби пайваст ва заминаи морфологии ташаккули онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ**" ба омӯзиши калимаҳои мураккаби пайваст, ки дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ба таври фаровон ба кор рафтаанд, бахшида шудааст. Муаллиф дар ин қисмат нишон додааст, ки чунин воҳидҳои лексикӣ бештар дар заминаи ду ҷузъи баробарҳуқуқ сохта мешаванд ва дар эҷодиёти Ҷалолиддини Балхӣ мақоми хос доранд. Таҳлилҳои унвонҷӯ гувоҳӣ медиҳанд, ки калимаҳои мураккаби пайваст дар забони тоҷикӣ яке аз роҳҳои фаъолтарини ташаккули воҳидҳои нав ба шумор мераванд ва боиси ғановати луғавӣ мегарданд.

Фасли сеюми боби дуюм "**Калимаҳои мураккаби тобеъ ва сохтори морфологии онҳо дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ**" унвон гирифтааст ва дар доираи 4 зерфасл ҳалли худро ёфтааст. Муаллифи диссертатсия дар доираи фасли мазкур калимаҳои мураккаби тобе ва сохтори морфологии онҳоро дар доираи ҳиссаҳои нутқ баррасӣ намудааст, ки аз аҳаммияти илмӣ холӣ нест.

Фасли чоруми диссеratатсия "**Калимаҳои мураккаб ва таносуби онҳо бо роҳҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ**" номгузорӣ шудааст ва дар доираи 3 зерфасл ҷамъбаст гардидааст. Дар ин фасл таносуби калимаҳо ва роҳҳои ифодаҳои онҳоро дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ баррасӣ намудааст.

Хулосаи диссертатсия дар 11 банд ҷамъбаст гардида, андешаҳои муаллифро дар бораи таҳқиқи мазкур ҷамъбаст менамояд. Рӯйихати адабиёт, ки шомили 187 адад мебошад, сатҳи баланди илмии корро нишон медиҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассусии илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб – Ҷиҳонова Гулчаҳон Абдураҳмоновна ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад. Илова бар ин,

унвонҷӯ қобилияти баланди илмӣ дошта, навиштаҳои илмии ӯ ба самти забоншиносӣ мувофиқат мекунанд.

**Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад**, ки муҳаққиқ мисолҳои фаровонро аз ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ ҷамъоварӣ намуда, бо истифодаи методҳои гуногуни забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия**. Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар саҳифаҳои 37-39 беҳтар мебуд, агар доир ба калимаҳои боборон, босадаф, бобарг, бохатар, бокушод, бодард мисолҳои шеърӣ оварда мешуд;

2. Дар охири ҳар як зерфасл ҷумлаҳои хулосакунанда оварда мешуданд, ба манфиати кор мебуд;

3. Дар саҳифаи 26 мисолҳо (камбағал, донишманд, паранда) субстантиватсия шудааст, ишора кунед.

4. Мавқеи морфологии баъзе калимаҳо дуруст муайян нашудааст. Баъзе сифатҳои исмшуда, ки дар ҷумла ҳамчун исм омадаанд, сифат қайд шудаанд: лоларухе, балегӯй, симинбар, лаъллаб (саҳ.114);

5. Дар саҳифаи 18 иқтибос хеле муфассал оварда шудааст ва андешаҳои шахсии унвонҷӯ мушоҳида намешавад;

Бо вуҷуди дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самар оварда, ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд. Матни тоҷикии автореферат бо тарҷумаи русии он комилан мувофиқат менамояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Хулоса, диссертатсияи Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна дар мавзуи «Замина ва тарзу воситаҳои калимасозӣ дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Усмонова Мунаввара Холиқовна омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи №1/5, аз 29.08.2025 кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 17 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 17 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №1/5, аз 29.08.2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, достсент,
мудири кафедраи назария ва амалияи
забоншиносӣ — Сафарова Гулчеҳра Файзовна

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ — Усмонова Мунаввара Холиқовна

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи назария
ва амалияи забоншиносӣ — Гуломалиева Рузафзун Қувватбековна

Имзоҳои Г. Ф. Сафарова, М. Х. Усмонова ва Р. Г. Қувватбековнаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи С. Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

**Нишонии муассисаи пешбар**:
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
**Телефон:** (+992) 37 232 50 00

**E-mail: сомонаи расмӣ**: www.dbz.tj

«4» уми сентябри соли 2025